**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, (734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 7)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Манучеҳри Нозимии Раҷабзода дар мавзуи "Ташкили баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит)**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мамлакати дорои иқтисодиёти ба соҳаи кишоварзӣ такякунанда мебошад, баҳисобгирии муҳосибӣ ва ва назорати дороиҳои биологӣ аҳамияти хосае ба худ касб намудааст. Дар раванди пешбурди баҳисобгирии муҳосибии дороиҳои биологӣ ва дигар дороиҳои корхонаҳои хоҷагии қишлоқ пояҳои байналмилалии консептуалии пешбурди баҳисобгирии муҳосибй ва тартибдиҳии ҳисоботи моилявӣ татбиқ карда мешаванд. Дороиҳои биологӣ асосан дороиҳои дарозмухлат буда, баҳисобгирии онҳо хусусиятҳои хоси худро дорад.

Дар шароитҳои рушди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ баҳисобгирии дороиҳои биологӣ дар асоси стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) бурда мешавад ва дар чунин шароитҳо самаранокии истифодабарии дороиҳои биологии соҳаи хоҷагии қишлоқ ҷиҳати дар ҳисоботи молиявӣ инъикос намудани маълумот оид ба дороиҳои биологӣ аҳамияти бузург қабул намудааст.

Ҳамин тавр, таҳқиқоти илмии Манучеҳри Н.Р. маҳз ба ҳамин масъала бахшида шуда, дар шароити кунунии иқтисодиёти миллии Тоҷикистон саривақтӣ ва актуалӣ ба ҳисоб меравад.

Таҳқиқоти мазкур ба таҳлилу омузиши ташкили таҳияи муқаррароти назариявӣ, тавсияҳои ташкилию методӣ ва амалӣ оид ба ташкили баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ равона карда шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқот муносибати ҳамаҷонибаро дар ҳалли масъалаҳои илмӣ, методӣ ва амалии баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳияи тавсияҳои методӣ, ки ба рушди методика ва ташкили баҳисобгирӣ ва назорати тағйирёбиҳои биологӣ дар соҳаи парандапарварӣ мусоидат мекунад дар бар мегирад.

Муаллиф дар асоси омузиш ва таҳқиқи асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ ба хулосае омадааст, ки дороиҳои биологӣ тамоми маҷмуи организмҳои зиндаи хоҷагии қишлоқ, ки дар ҷараёни шакливазкунии биологӣ зери таъсири ҷараёнҳои генетикӣ ба миён омада, такрористеҳсолшавӣ ва якҷояшавӣ имконияти додани дороиҳои биологии алтернативӣ ва барои гирифтани фоидаи имконпазир асоснок ва ҷонибдорӣ менамоянд.(саҳ. 8)

Ба ақидаи муаллиф аломати муҳимми дороиҳои биологӣ шакливазкунии биологӣ ба ҳисоб меравад, ки ба натиҷаҳои зерин оварда расонидани онро дар автореферат қайд намудааст. (саҳ. 9) Дар автореферат давраҳои тағйирёбиҳои биологӣ дар соҳаи парандапарварӣ пешниҳод гардида афзалиятҳои истифодабарии онҳо муайян карда шудааст. (саҳ. 10, расми 1.)

Унвонҷу дар автореферати диссертатсия модели ташкили назорати дохилии ҷараёни тағйирёбиҳои биологӣ дар парандапарвариро пешниҳод намудааст. (расми 3, саҳ.14)

Дар диссертатсия асоснок карда шудааст, ки татбиқи модели буҷетикунонии системаи назорати дохилӣ дар корхонаҳои парандапарварӣ нисбатан дуруст мебошад, ки имконияти идоракунии корхона ва зерсохторҳои онро на танҳо аз лиҳози истеҳсолӣ, балки аз ҷиҳати молиявӣ низ фароҳам оварда метавонад ва вобаста ба ин сохтори буҷети асосӣ аз тарафи унвонҷӯ тахия карда шудааст.(саҳ.23)

Тавре, ки муаллиф дар мундариҷаи автореферат нишон медиҳад мақсад ва вазифаҳои гузошташудаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба унвонҷу имкон дод, ки аз нуқтаи назари илмӣ сохтори диссертатсияро дуруст таҳия намуда, натиҷаҳои зарурии таҳқиқотро бо элементҳои муайяни навгонии илмӣ ба даст оварад. Умуман, унвонҷӯ таҳқиқоти илмиро бо риояи ҳамаи талаботҳои иҷроиши он ба итмом расонидааст, ки он дорои аҳамияти илмӣ мебошад.

Дар баробари бартариятҳо дар автореферат баъзе камбудӣ ва норасоиҳо ба назар мерасанд, ки онро ҳамчун эрод бояд қайд намоем:

- асосноккунии илмӣ ва роҳҳои ба даст овардани на ҳамаи навгониҳои илмӣ дар матни автореферати диссертатсия ҷой дода шудааст;
- дар баъзе ҷадвалҳо ва расмҳо сарчашмаи таҳияашон нишон дода нашудааст, танҳо таҳияи муаллиф ба назар мерасад.

Камбудӣ ва норасоиҳое, ки дар боло қайд карда шуданд, ба мазмуни асосии диссертатсия таъсир намерасонад.

Аз ин лиҳоз, бояд қайд намоям, ки автореферати диссертатсияи Манучеҳри Нозимии Раҷабзода дар мавзуи "Ташкили баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) пешниҳод шудааст, ба талаботҳои бандҳои 31, 33, 34, 35 "Тартиби додани унвонҳои илмӣ" (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 267 аз 30 июни соли 2021) ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**Номзади илмҳои иқтисодӣ**
**аз рӯйи тахассуси 08.00.08. Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит**
**дотсенти кафедраи кори боикии**
**МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров"** **Ҳасанова Н.Ҷ.**

Имзои н.и.и., дотсент Ҳасанова Н.Ҷ.-ро тасдиқ менамоям.

**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров"** **Сайдуллозода З.С.**

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд гузаргоҳи Мавлонбеков 1. Тел: (83422) 6 52 73; 6 47 39; Факс:(83422) 6 75 18; Тел: (+992) 92 769 61 61 E-mail: sssr-8186@mail.ru

30.01.2025с